# ФАРМОИШИ
# РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз «16» 06 соли 2025 № 223/ид ш. Душанбе**

*Дар бораи аз баррасӣ бозхонд намудани диссертатсия*

Мутобиқи сархати 17 банди 9 ва сархати 4 банди 18 Низомномаи Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270) ва банди 117 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Бо хоҳиши Зарифзода Ғайрат Зариф, диссертатсияи номбурда дар мавзуи «Вазъи низомӣ ва сиёсии аморати Бухоро дар солҳои 1826-1860» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02-Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) аз баррасии Комиссия бозхонд карда шуда, дар ин асос қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА–073 назди Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров бекор карда шавад.

2. Ҳимояи такрории диссертатсияи Зарифзода Ғ.З. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шавад.

3. Мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои гуманитарӣ (Ваш... Ҳ.С.) вазифадор карда шавад, ки дар муҳлати то 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидани фармоиши мазкур, ҷиҳати ҷойгир намудани нусхаи он дар сомонаи Комиссия ва парвандаи аттестатсионии довталаб чораҳои зарурӣ андешад.

4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Шарифзода М.М. вогузор карда шавад.

Асос: аризаи довталаб Зарифзода Ғ.З. аз 16 июни соли 2025

Раис Давлатзода С.Х.

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ